*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-17*
*назди Институти иқтисодиёт ва демографияи*
*Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗ

**муқарризи расмии н.и.и., дотсент Джумаев Уктам Мирзоёрович ба диссертатсияи Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисолаи диссертатсионии Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)» ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Ташкил ва идораи корхона, низомҳо ва комплексҳо (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) комплексами): б. 10.1 Коркарди проблемаҳои илми идоракунӣ ва методҳои маърифати он. Ақидаҳои казариявӣ нисбат ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои фаннӣ ва байнифаннии идоракунӣ; б. 10.4 Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; б. 10.6 Идоракунӣ аз рӯйи натиҷаҳо. Системаи масъулият дар бахши идоракунии оммавӣ; б. 10.7. Таъминоти иттилоотии системаи идоракунии оммавӣ, “демократияи элеткронӣ”, “давлати электронӣ”, “ҳукумати электронӣ” ва технологияҳои маъмуригардонии электронӣ: б. 10.8. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклҳо ва методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз ҳислат ва ҳолати системаи иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес.

**2.Мубрамии мавзӯи таҳқиқот**

Ноил шудан ба рақобатпазирии баланди маҳсулоти саноатӣ ба яке аз мақсадҳои асосии Стартегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дохил мешавад. Таҳлилҳои нишон медиҳанд, ки дар сиёсати иқтисодии кишвар проблемаи рақобатпазирии истеҳсолоти саноатӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои истеҳсолӣ дар иқтисодиёти миллӣ самти афзалиятноки рушди стратегии давлатро ташкил дода барномаҳои давлатӣ дар ин самт амалӣ шуда истодаанд. Дар баробари ин, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ба сатҳҳои гуногуни истеҳсолоти саноати ватанӣ аз ҷумла маҳсулот, корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва умуман иқтисодиёти миллӣ таъсири калон мерасонад. Иҷроиши ҳадафҳои стратегии воридотивазкунии

маҳсулотҳо ва ба содирот нигаронидани истеҳсолоти ватанӣ дар навбати худ ҳалли мушкилиҳои бо баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ алоқамандро тақозо менамояд. Аз ин ҷумла мавзуи интихобшудаи диссертатсия хеле мубрам ба ҳисоб меравад.

**3. Навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот дорои навгонии илмӣ, дохил мешаванд:

- нақшаи раванди мутобиқсозии корхонаи саноати сабук ба шароити бозор вобаста аз қобилияти рушди стратегии корхонаҳои саноатӣ, арзёбии равишҳои муосири идоракунии рақобатпазирӣ барои қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ таҳия гардида, дар асоси он консепсияи мукаммали идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниҳод карда шудааст;
- вазъи муосир ва рушди корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳо дода шуда, омилҳои асосии ба сатҳ ва ояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда, аз ҷумла иқтидори захиравии корхона, сатҳи ғани гардонии бозор бо маҳсулоти рақобатпазир ва рушди нишондиҳандаҳои натиҷавии фаъолияти корхонаҳо ошкор карда шудаанд;
- муаллиф нақшаи арзёбии сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабукро коркард намуда ҷузъҳои таркибии потенсиали стратегии корхонаҳои саноати сабукро ошкор карда модели иқтисодӣ-риёзии муносибгардонии захираҳои молиявӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таҳия ва дар ҶСП "Ҷунтай-Дангара Син Силу Текстил" татбиқ намуд;
- механизми таъмини иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар асоси консепсияи маркетингӣ бо дарназардошти муайянкунии марҳилаҳои идоракунӣ ва сохтори системаи иттилоотии дохилӣ ва муҳити берунаи маркетингӣ такмил дода шудааст;
- механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук бо назардошти муайянкунии бартариҳои рақобатии корхона, такмили низоми ҳавасмандгардонии моддию маънавии фаъолияти меҳнатии корхона, ҷорӣ намудани низоми идоракунии сифат, баҳисобгирӣ, назорат ва маркетинг таҳия шудааст;
- самтҳои асосии идоракунии рақобатпазирӣ дар истеҳсолоти нассоҷии ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил" бо дарназардошти омилҳои самт ва ҳаҷми истеҳсолот, намгӯи маҳсулот, ташкили шароити зарурӣ барои муомилоти мол ва татбиқи фаъолияти инноватсионӣ асоснок карда шудаанд.

**4. Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 14 мақола (дар ҳаҷми 4,8 ҷ.ч.) аз он 9 мақола маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия нашр шудаанд.

**5. Аҳамияти назариявӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот бо назардошти тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо.**

Аҳамияти назариявии кор дар таҳияи минбаъдаи назария ва методологияи таҳқиқи равишҳо оид ба идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук (с.16-78), таҳияи модели иқтисодию риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук (с. 117-143) ва таҳияи механизмҳои ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирӣ дар шароити муосир ба ҳисоб меравад (с. 143-180).

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертсионӣ дар он дида мешавад, ки равишҳо, усулҳо ва модел ва методологии пешниҳодшуда заминаи назариявӣ ва методологии таъмини идоракунии устувори рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ метавон дар амал бо мақсади баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои асноатӣ мавриди истифода қарор дода шаванд (с. 180-203).

Ахамияти иктисодӣ ва ичтимоии натичахои таҳкикоти диссертационӣ дар такмили низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ ва баланд бардоштани сифати истифодабарии қувваҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои саноати сабук дида мешавад. Баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ба ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз қабили паст кардани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ оварда мерасонад (сах. 143—162).

**6. Мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Рисола аз муқаддима, се боб, нӯҳ параграф, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт иборат аз 229 адад иборат аст. Диссертатсия дар 233 саҳифаи чопӣ пешниҳод шуда, аз 7 ҷадвал ва 13 расм иборат аст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия аҳамияти масъалаи таҳқиқшаванда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шуда, дараҷаи инкишофи масъала ва унсурҳои навоварии илмӣ бо дарназардошти аҳамияти назариявӣ ва амалии кори диссертационӣ пешниход карда шудаанд (с. 4—16).

Дар боби аввали диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ-методии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук»** (с. 16-78) масъалаҳои назариявии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук (с. 16-31), Ҷанбаҳои консептуалии баландбардории сатҳи саноати сабук (с. 32-46), асосхои методии арзёбӣ ва идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук (с. 47-76) мавриди тахкик карор гирифта шудаанд.

Муаллиф хангоми тахлили назарияхои олимон оид ба мафхум ва сохтори таркибии ракобатпазирӣ ба хулосае меояд,ки ракобатпазирии корхона сохтори тичорат буда,дорои хусусияти иктисодӣ мебошад. Категорияхои ба сатххои гуногун таксимбандии ракобатпазирие,ки аз чониби муаллиф пешниход шуддаст,дорои ахамияти илмӣ мебошад.(с.24-25).

Хулосахои муаллиф оид ба бартариятхои ракобатии корхонахои истехсолии Точикистон дар асоси арзонии мукоисавии баъзе омилхои истехсолот,ки мавриди тахлил карор гирифта шудаанд,кобили кабуланд.(с.34-37). Дар хақиқат иқтисодиёти Тоҷикистон дорои захирахои истехсолии васеъ мебошад,ки бо истифодабарии стратегияи дурусти саноатикунонӣ метавонад омили мухими таъмини рақобатпазирии сохаи саноат гардад.

Нақшаи раванди мутобиқсозии корхонаи саноати сабук ба шароити бозор,ки аз ҷониби муаллиф дар с.40-и диссертатсия оварда шудааст,аз руи алгоритми тахияи блокхои иттилоотӣ ва вобастагии мантиқии тахлили рақобатпазирии корхона бо дарназардошти таъсири омилхои мухити беруна дуруст мебошад. Дар хақиқат ба инобат гирифтан ва тахлил намудани омилхои асосии конюктураи бозор метавонад раванди тахия ва қабули қарорхои идоракуниро ба талаботи бозор мутобиқат созад.

Консепсияи идоракунии рақобатпазирии корхонахои саноати сабук,ки дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф тахия ва пешниход шудааст (с.48),дорои ахамияти илмию назариявӣ буда,самтхои ташкилӣ-иқтисодии дастгирии идоракунии ракобатпазирии корхонахои саноати сабукро дарбар мегирад. Консепсияи мазкур аз нигохи мо метавонад бахри тасхехи хадафхо ва стратегияи рушди корхона истифода шавад ва метавонад ба пурзур гаштани сатхи ракобатпазирии корхона таъсири мутлақ расонад.

Усули арзёбии сатхи рақобатпазирии корхонахои саноатӣ,ки дар асоси муайянкунии дараҷаи рақобатпазирии мол дар бозор оварда шудааст,(с.63-64) қобили қабул аст,азбаски коэффисиентхои арзёбии вазни нисбии мол бо назардошти арзаи бозор дуруст асоснок шудаанд.

Дар боби дуюм “**Вазъи муосир ва идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук вилояти хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон**” масъалахои марбут ба тахлили вазъи муосир ва рушди корхонахои саноатии вилояти Хатлон (с.78-94), омилхои асосии ба сатх ва ояндабинии рақобатпазирнии корхонахои саноати таъсиркунанда тахқиқ гашта (с.95-116), модели иктисодию риёзии таъмини рақобатпазирии корхонахои саноати сабук (с.117-142) таҳлил гаштаанд.

Муаллиф дар асоси тахлили нишондиханадахои асосии тавсифдихандаи саноати вилояти Хатлон (с.84-88) ба хулосае меояд,ки динамикаи мусбии рушди корхонахои саноатӣ таъсири мусбӣ ба рақобатпазирии корхонахои саноатӣ таъсир мерасонанд. Боиси қабул аст,ки муаллиф длар қатори омилхои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонахо ба татбиқи техникаю технологияхои нав дар мисоли ҶСП “Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил” аҳамияти хоса додааст. Муаллиф дуруст ба хулосае меояд,ки усулхои нави иҷроиши фаъолият ва суръати татбиқи технологияҳои нав метавонанд бартарияти рақобатпазирии корхонаро пурзур намоянд.(с.90).

Омилҳои рушди рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук муайян ва асоснок шудаанд.(р.2.1,с.97). Муҳим аст,ки омилҳои муайяншуда дар воқеъ барои дигаргуншавии фаъолияти ташкилию иқтисодии корхона бо мақсади таҳияи низоми чандирии идоракунии корхона самаранок истифода бурда шаванд. Омилҳои асосие,ки ба сатҳи рақобатпазирии корхона таъсир мерасонанд (с.99),ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудаанд,ба андешаи мо метавонанд дар таҳияи модели ташаккули қарорҳои идоракунӣ истифода бурда шаванд, азбаски иқтидори захиравии корхона ва тамоюли фаъолияти иқтисодӣ дар шароити бозорӣ мутлақо сатҳи рақобатпазирии раванди истеҳсолотро муайян мекунанд.

Модели бартарияти рақобатпазирии корхонаҳо (с.109-113),ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод ва асоснок шудааст,хислати навгонии илмӣ дошта метавонад дар таҳияи низоми ояндабинии имкониятҳои потенсиалии корхонаҳо истифода шавад. Ба андешаи мо модели мазкур дар ҳолати таҳқиқ ва тарҳрезии омилҳои микро ва макроиқтисодии фаъолияти соҳа метавонад самаранок истифода бурда шавад. Накшаи арзёбии сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук,ки дар диссертатсия таҳия ва таҳлил шудааст,(с.119-124) барои ташаккули иқтидори рақобатпазирии корхона бо дарназардошти қобилияти стратегии он метавонад самараи мусбӣ диҳад.

Дар бобои сеюм бахшида ба "**Самтхои афзалиятноки идоракунии ракобатпазирии корхонахои саноати сабуки вилояти Хатлони Чумхурии Точикистон**" механизми таъмини иттилоотии идоракунии ракобатпазирии корхонахои саноатӣ (с143-161) такмил гашта, механизми ташкилӣ-иктисодии идоракунии ракобатпазирии корхонахои саноати сабук (с.162-179) ва самтхои асосии идоракунии ракобатпазирӣ дар ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил" (с.180-202) ташаккул ва асоснок шуданд.

Марҳилаҳои раванди идоракунии корхонаҳои саноати сабук (р.3.1,с.144) барои ҷамъ ва коркарди иттилооти зарурӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ баҳри ташаккули низоми дохилии идоракунии рақобатпазирӣ аҳамияти хоса дорад. Боиси қайд аст,ки муҳити берунаи маркетингии корхонаи саноатӣ (с.148) дар раванди гузаронидани таҳқиқоти маркетингӣ ва ошкор намудани ҷанбаҳои заифи корхона хеле муҳим мебошад. Механизми таъминоти иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук,ки аз ҷониби муаллиф таҳия ва асоснок шудааст,(с.157-170) ба андешаи мо дар таҳияи низоми ташкилию иқтисодии рақобатпазирии корхона саҳми баланд дорад.

**7. Мутобиқати диссертатсия ба талаботи расмии КОА**

Диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд. Диссертатсия дорои муқаддима, аҳамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди масъала, робитаи мавзӯи диссертатсия бо барномаҳои асосии илмӣ, корҳои асосии таҳқиқотии муассисаҳои илмӣ, ҳадафи таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос, саҳми муаллиф дар таҳқиқот, нашри натиҷаҳои таҳқиқот буда, аҳамияти пурраи онро инъикос мекунад.

**8. Эроду тавсияҳо ба таҳқиқоти иҷрошуда.** Дар баробари афзалиятҳо ва натиҷаҳои назарраси диссертатсия,ба андешаи мо диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ намебошад. Ба сифати тавсияву эродҳо чунин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Ҳангоми таҳлили нуктаи назари олимон оид ба рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ бисёр хуб мешуд, ки агар муаллиф тафсири худро оид ба мафҳумҳои "рақобат" ва "рақобатпазирӣ" пешниҳод намуда, равишҳои

муосири таҳлили рақобатпазирии соҳа ва иқтисоди миллиро васеътар шарҳ медод.

2. Дар параграфи 1.3 диссертатсия муаллиф усули арзёбии сатхи рақобатпазирии корхонахои саноатиро дар асоси муайянкунии дараҷаи рақобатпазирии мол дар бозор пешниҳод менамояд (с.63-64) вале дар мисоли объекти тадқиқот ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил" тибқи формулаи пешниҳодшуда таҳлил гузаронида нашудааст.

3. Дар параграфи 2.1-и диссертатсия муаллиф инноватсияро ҳамчун омили асосии инкишофи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ муайян менамояд. Вале бисёр хуб мешуд, ки агар муаллиф сатҳ ва натиҷагирии татбиқи дастовардҳои илмию техникиро дар мисоли корхонаҳои саноатии Хатлон мавриди таҳқик мегузошт. Ин ба асоснокқунии модели пешниҳодшудаи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамуд.

4. Дар диссертатсия муаллиф механизми ташкилӣ-иктисодии идоракунии ракобатпазирии корхонахои саноати сабукро (с.162-179) пешниҳод намуд. Вале арзёбии хатарҳои имконпазири татбиқи механизми мазкур дар кор оварда нашудааст. Аз нигоҳи мо барои таҳияи механизми устувори қабули қарорҳои стратегӣ арзёбии хатарҳо ва имкониятҳои муҳити беруна хеле муҳим мебошанд.

5. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлогӣ ва техникӣ дида мешавад, истифодаи баъзе мафҳумҳо бо забони тоҷикӣ бояд мушаххас гардонида шавад.

Бояд тазаккур дод,ки эродҳои зикршуда ба сатҳи баланди иҷрои диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

**9. Хулоса дар бораи мувофиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Низомнома дар бораи додани унвоиҳои илмӣ**

Диссертатсияи Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)» ба асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ бахшида ба маъалаҳои назария ва амалияи идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ асос ёфтааст. Дар раванди таҳқиқот усулҳои гуногуни таҳлили системавӣ, мантиқӣ, оморӣ, усулҳои моделсозии иқтисодию риёзӣ истифода шудаанд. Усулҳои татбиқшуда ба муаллиф имкон доданд, ки дар доираи ҳадафи мушаххаси таҳқиқот хулосаҳои боэътимод ва асоснокшудаи илмӣ, инчунин тавсияҳо ва пешниҳодҳои мушахасро таҳия намояд.

Интишорот дар маҷалаҳо, маърузаҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ, истифодаи натиҷаҳои асосии диссертатсия дар ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил" эътимоднокии натиҷаҳои илмии диссертатсияро тасдиқ мекунанд.

Тақриз нишон медиҳад, ки диссертатсияи пешниҳодшуда дорои навгонӣ ва аҳамияти баланди илмӣ мебошад. Диссертатсия ба талаботи 31, 33, 34, 35, 37, 38, 53, 54, 84 замимаи 2 «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» (ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳо, мувофиқат менамояд.

**Хулосаи умумӣ**

Диссертатсияи Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)» кори илмии анҷомёфта буда, дорои навгонии илмӣ арзёбӣ мегардад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва менеҷмент дар самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонахо, системахо ва комплексхо) сазовор мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Джумаев У.М.**

**Имзои У.М. Джумаев-ро тасдиқ мекунам**

**Сардори шуъбаи кадри ФДМИТ МИСИС** _______**Зарипова М.А.**